**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», мубрам ба ҳисоб меравад. Қайд кардан лозим аст, ки дар раванди муосири мурофиаи ҷиноятӣ усулҳои тактикӣ нақши марказӣ доранд ва ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд, зеро тавассути онҳо муфаттиш маълумоти боэътимод ба даст оварда, шароити муҳими содир шудани ҷиноятро муайян менамояд ва эътимоднокии далелҳоро таъмин мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили мукаммали истифодаи усули тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот барои пур намудани холигии мавҷудаи назариявию амалӣ нигаронида шудааст, ҳамчунин муносибати низомиро ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳлил, арзёбӣ ва истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиш пешниҳод менамояд. Дар доираи таҳқиқоти мазкур равишҳои мавҷуда барои муайян кардани моҳияти усули тактикӣ, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи он ба низоми муайян даровarда шудаанд.

Навгонии илмие, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод кардааст, натанҳо барои таҳқиқоти илмӣ, балки барои таҳкими амалияи истифодаи дурусти усулҳои тактикӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки фаҳмиши дурусти моҳияти усули тактикӣ ва муайян кардани дараҷаи эътимоднокии он ҳангоми гузаронидани тафтиши ҷиноятҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ нақши калидӣ дорад. Муайян кардани моҳияти дурусти усули тактикӣ ба ҷудонамоии дақиқи усулҳое, ки дар доираи қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ё берун аз онҳо истифода мешаванд, мусоидат мекунад. Ин на танҳо самаранокии чорабиниҳои тафтишотиро таъмин мекунад, балки риояи

меъёрҳои ҳуқуқиро низ таъмин намуда, пешгирӣ аз вайроншавии эҳтимолии ҳуқуқи иштирокчиёни раванди тафтишотро ба амал меорад.

Масъалаҳои мафҳум, моҳият ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо дар таҳқиқоти олимони зиёди илми криминалистика дарҷ карда шудааст, зеро онҳо рӯйкард ва равишҳои гуногун дошта, ягонагиро вобаста ба мафҳум ва ченакҳои усулҳои тактикӣ ба пуррагӣ дар бар намегирад, ки ақидаи онҳо ба самаранокии татбиқнамоӣ таъсири худро мерасонад.

Бинобар ба инобат гирифтани нуктаҳои зикршуда, баррасии илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба таҳлили илмӣ-амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо бахшида шудааст, мубрам, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби диссертант Сулаймонзода Р.Н. мустақилона навишта шудааст. Натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд ба хусусиятҳои асосии усули тактикӣ вобастагӣ дошта бошад, ки аз вазъияти мушаххаси тафтишотӣ дарак медиҳад. Қобили қабул будани истифодаи усули тактикӣ хусусияти бисёрҷанба дошта, бо дарназардошти як қатор шартҳои ба ҳам алоқаманд арзёбӣ мегардад. Ба чунин шартҳо мутобиқати он ба меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, асоснокии илмӣ ва риояи принсипҳои ахлоқӣ дохил мешаванд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25-уми октябри соли 2024, №407/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо ба ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 9 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути қоидаи иқтибос ба расмият даровара шудаанд. Инчунин, автореферати дессертатсия низ (гунаи тоҷикӣ ва русӣ)

фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи “Дастураммал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493)” таҳия гардидааст.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар корҳои аз ҷониби ӯ анҷомдодашуда, мавҷуд намебошанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматулоро дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сармутахассиси кафедраи таҳқиқоти криминология, коррупсия ва пешгирии ҷинояткории факултети адлияи ҷиноятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон;

– **Салимов Бахромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Шарипов Т.Ш.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Искандаров З.Ҳ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сардори шубаи экспертизаҳои
судӣ-баллистикӣ ва тиру гилзадони
РТК ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон — Назаршо Ф.Ю.

Имзои проф. Шарипов Т.Ш. ва проф. Искандаров З.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.
«02» 07 соли 2026

Имзои Назаршо Ф.Ю.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-майори милитсия — Халилзода Ҳ.С.
«02» 07 соли 2026